# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Ғуломзода Сабзали Эмомалӣ дар мавзуи «Хусусиятҳои зоҳиршавии агрессия дар рафтори наврасон ва роҳҳои пешгирӣ кардани онҳо» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа PhD, доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050300 – Психология (6D050305 - Психологияи иҷтимоӣ)**

Раванди дигаргуншавии тезутунди вазъи сиёсву иқтисодӣ дар ҷомеаи ҷаҳонӣ, паст шудани сатҳи таҳаммулпазирӣ миёни намояндагони қавму фарҳангҳо ва динҳои мухталиф, зиёд гаштани миқдори қонунвайронкуниҳо аз ҷониби наврасону ҷавонон – ин маҷмуи нотамоми муаммоҳои инсоният дар давраи кунунии таърихӣ маҳсуб меёбад.

Диссертатсияи Ғуломзода Сабзали Эмомалӣ дар мавзуи «Хусусиятҳои зоҳиршавии агрессия дар рафтори наврасон ва роҳҳои пешгирӣ кардани онҳо» ба яке аз масъалаҳои мубрами психологияи иҷтимоӣ, ва роҳҳои пешгирии каҷрафтории наврасон бахшида шудааст.

Аз таҳлилу омӯзиши автореферати диссертатсияи Ғуломзода Сабзали Эмомалӣ бар меояд, ки дар натиҷаи анҷоми ҳар боб натиҷаҳои озмоишу пажуҳиши амалӣ ҷамъбаст гардидааст. Дар хулосаи диссертатсия фишурдаи тамоми масъалаҳои дар бобҳо ва зербобҳо таҳқиқшуда ба таври мухтасар инъикос гардида, нишон дода шудааст, ки рафторҳои агрессивӣ дар духтарон ва писарон хусусиятҳои хоси ҷинсӣ доранд, ки бояд дар ҳама зинаҳои таълим, тарбия ва ташхис ба ҳисоб гирифта шаванд. Истифодаи мақсаднок ва илмии ин натиҷаҳо метавонад барои пешгири намудани рафтори агрессивнокии мусоидат намояд.

Дар автореферат унвонҷу зарурият ва аҳмияти мавзуи таҳқиқот, методҳои гузаронидани таҳқиқот, аҳмияти назарявию амалӣ ва навгониҳои илмиро пешниҳод намудааст.

Аз таҳлили автореферат бар меояд, ки унвонҷу дорои дониши хуби назариявӣ буда, мубрамии мавзуи таҳқиқотро аз ҷиҳати илмӣ асоснок

намудааст. Унвонҷу дар автореферат ҳудуди рафтори агрессиӣ ва хусусиятҳои психологии зоҳиршавии онро дар наврасон мавриди таҳқиқу баррасии васеъ қарор додааст.

Муҳаққиқ дар такя бо таҳқиқоти олимони соҳа, мушоҳида ва озмоишҳои гузаронидашуда, роҳҳои пешгирӣ ва ислоҳи рафтори агрессивӣ дар наврасонро мавриди омӯзиши густурда қарор додааст.

Бояд зикр намуд, ки унвонҷӯ дар натиҷаи гузаронидани корҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ ба натиҷаҳои назарраси илмӣ ноил гардидааст, ки дар ҷадвал ва диаграммаҳо оварда шудаанд. Ҳамзамон дар қисмати ҷамъбастии таҳқиқот коркарди натиҷаҳои ташхиси хусусиятҳои наврасони майл ба рафтори агрессивидошта ва шарҳи натиҷаҳо ва баррасии фарзияҳои таҳқиқот мавриди омӯзиши қарор гирифтааст.

Ба сифати эрод ҳаминро бояд зикр намуд, ки дар автореферати диссертатсия баъзе хатоҳои имлоӣ ва техникӣ роҳ дода шуда, инчунин дар мавридҳои алоҳида такрори фикрҳо ба назар мерасад

Автореферати диссертатсия Ғуломзода Сабзали Эмомалӣ ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (бо қарори Ҳукумати ҶТ аз 30 июни соли 2021 таҳти № 267 тасдиқ шудааст) ҷавобгу мебошад.

Муқарриз, мудири шуъбаи Гулмадов Файз
Педагогика ва методикаи таълими
Академияи таҳсилоти Тоҷикистон
11 феврали соли 2026

**Суроға:** 734024, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, кучаи А. Аҳмадов, 11/2,
Тел: (372) 227-22-30, E-mail: guimadov53@mail.ru

Имзои ро тасдиқ мекунам
Нозири кадрҳо ва коргузории АТТ Саидова М.С.